# Т а қ р и з

**ба автореферати Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.**

Муқоиса ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни рӯзноманигорӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин навъи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки забонҳои муқоисашаванда ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози мувофиқатии маъноӣ пайдо намудан бо аксари масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ шинохта шаванд ва натиҷаҳои онҳо дар корҳои гуногуни илмиву таълимӣ, аз он ҷумла рӯзноманигорӣ низ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия, ки аз ҷониби Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи доираи корбаст ва корбурди сохториву таҳқиқи вижагиҳои сохторию маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ равона карда шудааст, яъне кор карда баромадани тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои мураттаб гардонидани низоми истилоҳотии зикршуда дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат кунад.

Вобаста ба ин масъала диссертант чунин ибрози ақида карда, ба чунин хулоса омадааст, ки беш аз ҳама ба ин тавсияҳо забони тоҷикӣ ниёз дорад, зеро низоми истилоҳотии он дар риштаи рӯзноманигорӣ ҳануз ба тарзи пурра ташаккул наёфтааст. Бар замми ин ҳарчанд як қатор корҳои илмӣ то имрӯз дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ оид ба муқоисаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале муқоисаи ҷиддие нисбати истилоҳоти рӯзноманигорӣ кори илмие то ҳол рӯйи кор наомадааст.

Мо чунин фикр мекунем, ки мубрамии мавзуи диссертатсия дар диссертатсия хуб инъкос ёфтааст ва ин барои боз ҳам хубтару амиқтар омӯхтани доираи васеи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хело муҳим мебошад.

Маводи диссертатсияро асару таҳқиқотҳои илмии донишмандону забоншиносони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки бевосита ба илми рӯзноманигорӣ робита доранд.

Чунон ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат, буда ҳаҷман 194 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи таҳқиқот сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои назариявии омӯзиши таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби зерин чунин овардааст: Дар оғози садаи XXI ин раванди тавсиф ёфта, қариб тамоми соҳаҳои илм, истеҳсолот ва ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифт. Дар баробари фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона нашри луғатҳои сезабона (англисӣ-рус-тоҷикӣ) маъмул гардид. Дар боби мазкур муаллиф маҳз дар ҳамин давра ба тартиб даровардан ва нашри луғатҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ оғоз шуда буд, шарҳ медиҳад. Боиси хурсандӣ ҳам аст, ки муаллиф дар баъзе лаҳзаҳо фикру андешаҳои худро устувор монда, назари мушаххаси хешро роҷеъ ба доираи истифодаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ баён кардааст.

Муаллиф дар боби зерин чунин мегӯяд, арзи ҳастӣ кардани низоми мукаммали истилоҳоти рӯзноманигории тоҷик аз таъсиси нахустин рӯзномаи тоҷикӣ “Бухорои Шариф” соли 1912 оғоз мегардад. Вале таҳлилҳои минбаъда нишон медиҳад, ки тоҷикон хеле пештар аз ин бо табъу нашр ва матбуоти даврӣ ошно буданд.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** номида шуда, аз чор зербоб иборат мебошад. Диссертант оид ба умумият ва фарқияти роҳҳои сарфии ташаккули ислоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои муқоисашавандаро таҳлил намуда, роҳҳои сохташавии истилоҳоти сохтаи рӯзноманигорӣ дар ҳарду забон аз ҳам фарқи куллӣ надоштанашонро исбот кардааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** номгузорӣ карда шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб Раҳматуллоев М.С. оид ба гуногунии баромад ва таркиби этимологӣ нигоҳ накарда, истилоҳҳои

рӯзноманигориро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардааст ки инҳо: истилоҳоти аслӣ ё англисӣ ва истилоҳоти иқтибосӣ мебошанд, ки ба таври васеъ таҳқиқ карда шудааст.

Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро дар асоси маводи мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натиҷаҳои арзишманд ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чоп намудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ, 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Насруддинов Сироҷидиин Моҳадшарифович

Имзои н.и.ф., дотсент
Насруддинов С.М.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои АМИТ — Муродова Матлуба Раҳмоновна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистонн,
г. Душанбе, хиёбони Рудаки 33,
E-mail: nasruddinov.sirojiddin@gmail.com
Тел. моб: (+992) 918 10 14 48.